# Зарина ва се Хирс

*Аз Ширин*



Як вақтҳо дар ҷангале се хирс зиндагӣ мекарданд. Падар – хирс, модар – хирс ва бачаи онҳо. Ҳар сеи ин хирсҳо ҳар саҳар ширбиринҷ хӯрданро нағз медиданд.



Падар – хирс
ширбирнҷро
чашид: «Ай,
бисёр гарм аст!»



Хирсҳо барои сайругашт ба ҷангал рафтанд то хунукшавии ширбиринҷашон.



**Зарина ном духтараке дар назди хонаи хирсҳо сайругашт мекард. «МММ,» гуфт вай, «чӣ бӯи нағз!» Вай ба хонаи хирсҳо даромад.**

Дар хона касе набуд.  Вай ширбиринҷи Падар – хирсро чашид. «Бисёр гарм!»  вай фарёд кард.  Баъд ширбиринҷи Модар – хирсро чашид.  «Бисёр хунук!» гуфт вай.   Баъд ширбиринҷи хирсбачаро чашид, вай бисёр нағз буд.  Ҳамин тавр Зарина ширбирнҷи хирсбачаро тамоман хӯрд.





Баъд Зарина дар хонаи дигар се курсӣ дид.  Вай ба курсии Падар – хирс нишаст аз ҳад зиёд сахт.  Курсии Модар – хирс аз ҳад зиёд мулоим. Курсии хирсбача бисёр мувофиқ. Ҳамин тавр Зарина ба курсии хирсбача нишаста худро ҷунбонидан гирифт то шикастани курсӣ.



«Акнун ман истироҳат мекунам» гуфт Зарина. Ва ба ҷойхоби Падар хирс даромад. «Уф бисёр сахт!» Баъд ба ҷойхоби модархирс даромад. «Ой, бисёр мулоим!» Ба ҷойхоби хирсбача даромада дид бисёр мувофиқ буд ва дар он хоб кард.



Ҳар сеи хирсҳо баргаштанд. «Кӣ ба ширбиринҷи ман расидааст?» дод зад падархирс.

«Кӣ ба ширбиринҷи ман расидааст?» фиғон кард Модархирс.

«Кӣ ба ширбиринҷи ман расидааст?» гирякунон гуфт хирсбача. «Ва ҳамашро хурдааст!»



Баъд ба хонаи дигар рафтанд.
«Кӣ дар курсии ман
нишастааст?» додзад падархирс.

«Кӣ дар курсии
ман нишастааст?»
фиғон зад
модархирс.

«Кӣ дар курсии
ман нишастааст?»
гирякунон гуфт
хирсбача, «ва онро
тамоман
шикастааст!»

Ҳар сеи хирсҳо зуд ба боло баромаданд. «Кӣ дар ҷойхоби ман хоб кардааст?» дод зад падархирс.

«Кӣ дар ҷойхоби ман хоб кардааст?» Фиғон кард модархирс.





«Кӣ дар ҷойхоби ман хоб кардааст?» гирякунон гуфт хирсбача. «Ва вай дар ин ҷост!»

Зарина аз ҷойхоб ҷаҳида аз хона гурехт ва дигар ҳеҷ гоҳ ба хонаи хирсҳо наомад.

*Аз Ширин*